МУОВИНИ САРВАЗИРИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР-МИНИСТРА
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Вазорату идораҳо
(аъзои Платформаи миллӣ)

Барои иҷро

Ба Ибодзода Х.

М.Алимардон

№2896 (19-2)
"13" апрели 2013

Кум. ҳолатҳои фавқулодда

**КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734013. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Лоҳутӣ 26. Тел. : 223-10-09. Факс: 221-91-19
Почтаи электронӣ: najot @rs.tj. Веб-сайт: www. khf. tj.

№ 8/1-256 аз «22» марти с. 2013
Ба №2873 (19-1) аз 11.03.2013с.

Ба муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муродалӣ Алимардон

Мӯҳтарам Муродалӣ Алимардон!

Ба Шумо ҳуҷҷатҳои маҷлиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ки рӯзи 19 марти соли 2013 баргузор гардидааст, барои тасдиқ намудан ирсол менамоем.

Ҳамзамон, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати иҷрои қарорҳои протоколи маҷлиси мазкур ба вазорату идораҳо дастур диҳед.

Замима: дар ҳаҷми 11 (ёздах) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис Х. Абдураҳимов

Иҷрокунанда: п-к Камолов Ҷ
тел: 221-87-42;

Протоколи
# ҷаласаи Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

19 марти соли 2013 №3 ш. Душанбе

РАИСИ ҶАЛАСА –мовини Савазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Платформаи миллӣ М.Алимардон

Иштирок намуданд: Абдураҳимов Х.С. (муовини аввали раиси Платформаи миллӣ), Ибодзода Х. (муовини раиси Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ. (котиби масъули Платформаи миллӣ), Маҳмадуллоев Х. А., Исмонов Ф. Б., Мирзоев А.С., Махмадалиев А.Ғ., Мамаҷонов Ю.М., Мирова Д.С. ва ғайра.

Ба ҳайси нозирон намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо иштирок намуданд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Банақшагирии чорабиниҳои пешгирии офатҳои табиӣ дар мавсими баҳори соли 2013;
2. Баррасии масъалаи иҷрои афзалиятҳои Стратегияи миллӣ ва таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Баррасии лоиҳаи «Дастур оид ба барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
4. Маълумоти умумӣ дар бораи Барномаи амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 ва масъалаи таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ»
5. Баррасӣ ва тасдиқ намудани «Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзои Платформаи миллӣ ва «Нақшаи кори Платформаи миллӣ дар соли 2013».

Ҷаласаро Раиси Платформаи миллӣ М. Алимардон ифтитоҳ бахшида, мақсади ҷамъшавиро дар маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ тавсиф дода, ҳамзамон, таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷиҳати масъалаи пешгирии хавфи сарзадани офатҳои табиӣ вобаста ба баланд шудани сатҳи оби дарёҳо ва омодагӣ ба мавсими селу обхезиҳо баён намуд.

ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА БАРОМАД КАРДАНД:

Муродалӣ Алимардон, Абдураҳимов Х.С., Зуев А., Шомаҳмадов А.Ш., Камолов Ҷ.Ҷ.

ДАР МӮҲОКИМАИ МАСЪАЛАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Маҳмадуллоев Х. А., Исмонов Ф. Б., Мирзоев А.С., Маҳмадалиев А.Ғ., Мамаҷонов Ю.М., Мирова Д.С.

Дар охир, раиси Платформаи миллӣ таваҷҷӯҳи аъзоёнро ба масъалаи иҷрои чорабиниҳои «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015» ҷалб намуда, вазорату идораҳои дахлдорро ҷиҳати пешниҳоди лоиҳаҳо тибқи самтҳои афзалиятнок, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, таклиф намуд.

Тавсия намуд, ки барои ба таври дуруст таҳия намудани лоиҳаҳо омӯзонидани мутасаддиёни вазорату идораҳо тибқи талаботи донорҳо зарур мебошад.

Баъд аз баромади муовини раиси Платформаи миллӣ, коти[illegible]ти Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Тавсияи Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати баргузории маҷлиси махсуси Комиссияи мазкур вобаста ба баррасии масъалаҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиии мавсими баҳори соли 2013 пешниҳод карда шавад.
2. Таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи мақсад шуморида шуда, пешниҳоди асосноккунии лоиҳавии он аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда барои баррасӣ то 25 апрели соли 2013 пешкаш карда шавад.
3. Вазорату идораҳо:

- иҷрои нақша чорабиниҳои Стратегияи миллиро бо назардошти самтҳои афзалиятноки он зери назорати қатъӣ гирифта, таклифҳои мушаххас ҷиҳати иҷрои он ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 апрели соли 2013 пешниҳод намоянд;
- барои иштирок дар семинари омӯзишӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, ки [illegible] дастгирии Барномаи рушди СММ баргузор мегардад, то 10 аперли соли 2013 номзадҳоро ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (котиботи Платформаи миллӣ) пешниҳод намоянд;
- барои таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз соли 2015» ва муайян намудани афзалиятҳои аввалиндараҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 апрели соли 2013 пешниҳод намоянд;

4. Хулосаи Ҳайати гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ ба Лоиҳаи сохтори «Дастур оид ба барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул дониста шуда, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи идораи таҳдиди офатҳои БР СММ лоиҳаи дастурро таҳия намоянд;

5. Ҳамоҳангсози Барномаи амалиёти Хиого дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда, ҳамасола ҳисоботи иҷрои Барномаи мазкур барои ирсол намудан ба Созмони милали муттаҳид бо назардошти таклифҳои вазорату идораҳо ба Платформаи миллӣ пешниҳод карда шавад;

6. «Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзои Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» ва «Нақшаи кори Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2013» тасдиқ карда шавад.

Раиси Платформаи миллӣ оид ба
паст кардани хавфи офатҳои табиӣ М. Алимардон

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ
Муродалӣ Алимардон
«13» «04» соли 2013

Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои
аъзои Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Раиси Платформаи миллӣ

- роҳбарӣ аз болои фаъолияти Платформаи миллӣ;
- гузаронидани маҷлисҳои Платформаи миллӣ;
- тасдиқи нақшаи кории Платформаи миллӣ, протоколҳои маҷлисҳо;
- тасдиқ намудани ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзоёни Платформаи миллӣ;
- тасдиқи ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Платформаи миллӣ;
- пешниҳод намудани масъалаҳо аз номи Платформаи миллӣ барои баррасӣ дар Комиссияи оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ.
- пешниҳоди ҳисоботҳои мунтазам барои Стратегияи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиии Созмони Милали Муттаҳид доир ба вазъият ва фаъолияти Платформаи миллӣ;

Муовини якуми раиси Платформаи миллӣ

- иҷрои вазифаҳои Раиси Платформаи миллӣ ҳангоми набудани ӯ;
- роҳбарӣ намудани фаъолияти Котиби масъули Платформаи миллӣ;
- татбиқ ва равонасозии фаъолияти аъзои гурӯҳи РЕАКТ дар кори Платформаи миллӣ;
- баррасии лоиҳаи нақшаи маҷлисҳои Платформаи миллӣ, протоколҳо ва ҳисоботҳо ва пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Раиси Платформаи Миллӣ;
- таъминоти ташкилию техникии кори Платформаи миллӣ;
- таъмини ҳамкориҳои байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда.

Муовини раиси Платформаи миллӣ

- иҷрои вазифаҳои муовини якуми раиси Платформаи миллӣ ё Раиси Платформаи миллӣ ҳангоми набудани онҳо;
- роҳбарӣ аз болои фаъолияти Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи Миллӣ;
- тасдиқ намудани вазифаҳои техникӣ барои Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ;

- тасдиқ намудани нақшаҳо ва ҳисоботҳои Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ;
- ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти Ҳайати гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ ва Шӯрои илмӣ-техникӣ.

Котиби Платформаи миллӣ

- роҳбарии маъмурии фаъолияти Платформаи миллӣ;
- таҳияи лоиҳаи нақшаи маҷлисҳои Платформаи миллӣ, протоколҳо ва ҳисоботҳо ва пешниҳоди онҳо ба муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ;
- ташкил ва омода намудани маҷлисҳои Платформаи миллӣ ва Ҳайати гурӯҳи экспертии он, навиштани протоколҳо ва тақсим намудани онҳо;
- ҳамоҳангсозии раванди ҳисоботдиҳӣ ва расонидани ҳисоботҳо ба аъзои Платформаи миллӣ дар бахши ба онҳо марбут;
- назорат намудани татбиқи қарорҳои Платформаи миллӣ;
- ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи паст кардани хавфиҳои офатҳои табиӣ;
- таҳияи ҳисоботҳои мунтазам барои Стратегияи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиии Созмони Милали Муттаҳид доир ба вазъият ва фаъолияти Платформаи миллӣ;
- ташкил намудани мизҳои мудаввар, конфронсҳо, форумҳо бо иштироки ҷонибҳои ба фаъолияти Платформаи миллӣ манфиатдор дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

Аъзои Платформаи миллӣ

1. Муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

- пешниҳод намудани хулосаи ҳуқуқӣ оид ба ҳама гуна иловаҳои имконпазир ба сохтори мавҷуда доир ба масъалаҳои марбут ба паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ;
- амалигардонии назорати хукуқӣ аз болои фаъолияти Платформаи миллӣ дар чаҳорчӯбаи салоҳиятҳои он.

2. Муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- гузаронидани мониторинги доимии биологии офатҳои эҳтимолии табиӣ, ба монанди бемориҳои оммавӣ ва хашароти зараррасонандаи растаниҳо, ки мумкин аст тавассути маҷроҳои дарёҳо ё ҳангоми сар задани обхезиҳо гузаранд ва паҳншавии ифлоскунандаҳо.
- таҳияи ҳисоботҳо аз рӯи маълумоти доир ба эпифитотия ва эпизоотия.

3. Муовини вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ташкили мониторинг ва баҳодиҳии сатҳи дониши хонандагон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ оид ба хатарҳои офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани он;
- таҳлили мазмуни барномаҳо ва маводи таълимӣ оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ;
- ворид намудани мавзӯъҳои таълимӣ оид ба идоракунии хатари офатҳо ба барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ;
- мусоидат намудан ба ташкили клубу командаҳои ихтиёриён оид ба пешгирии хатари офатҳои табиӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

4. Муовини вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ташкил кардани мониторинг оид ба иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ;
- андешидани тадбирҳо оид ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар доираи барномаҳои амалкунанда.

5. Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

- гузаронидани экспертизаи молиявӣ ва маслиҳатдиҳӣ ба пешниҳодот вобаста ба қисмати молиявии механизмҳои идоракунии хатари офатҳои табиӣ;
- ташкил кардани мониторинги ҳаҷми маблағгузориҳо, ки аз ҳисоби восиатаҳои буҷети давлатӣ ва воситахое, ки донорҳои байналмилалӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон бо мақсади идоракунии паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ ҷудо намудаанд.

6. Муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ҷорӣ намудани принсипҳои паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ ҳангоми азнавсозии инфрасохтори нақлиётӣ;
- сохтмони тавораҳои (панҷараҳо) аз сангпарҳои муҳофизаткунанда дар асоси баҳодиҳии (санҷиши) гузаронидашудаи хатар дар ҷойҳои дорои хатари эҳтимолӣ;
- таҳлил намудан ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба маҷ[illegible] қоидаҳо ва талаботи сохтмони роҳҳо бо мақсади кам кардани сатҳи таъсироти хатарҳои ошкор кардашуда.

7. Муовини вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- гузаронидани назорати доимии санитарию эпидемиологӣ ҷиҳати пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ (паразитӣ) ва бемориҳои оммавии ғайрисироятӣ;
- таъсис додани пойгоҳҳои иттилоотӣ оид ба тадбирҳои пешгирикунандаи бемориҳои сироятӣ дар байни одамон ва таҷдиди онҳо ҳангоми сарзадани офатҳои табиӣ;
- гузаронидани тадбирҳои маъмурӣ ва чораҳои санитарию эпидемиологӣ оид ба назорати сифати оби нӯшокӣ ва маводҳои ғизоӣ дар ҳудуди минтақаи аз офати табиӣ зарардида.

8. Муовини вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- муайян кардани обанборҳои дорои хатари баланди обхезӣ, ки мумкин аст кандашавии онҳо таъсири сахт дошта бошад;
- таҳияи рӯйхати мавод ва истеҳсолоти хатарнок;
- гузаронидани мониторинги сейсмикии саддҳо (дорғотҳо) ва обанборҳо дар асоси санҷиши (баҳодиҳии) гузаронидашудаи хатар. Пешниҳод намудани хулосаҳо ва тавсияҳои муносиб.

9. Муовини раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- татбики сиёсати миллии оид ба истифодабарии замин ва банақшагирии он;
- гузаронидани таҳлили имкониятҳои якҷоясозии идоракунии хатари офатҳои табиӣ бо нақшаҳои истифодабарии замин.

10. Муовини Раиси Кумитаи оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- таъмини мониторинги иҷроиши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо;
- ҳамкорӣ ва амали якҷоя бо созмонҳои минтақавӣ, байналмилалӣ, донорҳо ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда дар соҳаи паст кардани сатҳи хатари офатҳои табиӣ.

11. Муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- мониторинги ифлосшавии муҳити зист (ҳавои атмосферӣ, замин, манбаъҳои оби дарёҳо ва ғайра);
- мониторинги татбиқи рафти амалигардонии Барномаи пилотӣ оиди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;
- мониторинги зуҳуротҳои фалокатовари гидрометеорологӣ (пешгӯиҳои гидрологӣ, фаромадани тарма ва ғайраҳо).

12. Муовини Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба фаъолияти Платформаи Миллӣ;
- муайян намудани механизмҳои паҳншавии иттилоот тавассути воситаҳои ахбори омма ва системаи телекоммуникатсионӣ дар бораи хатарҳои мавҷудаи офатҳои табиӣ;
- ташкил кардани доираи барномаҳо дар радио ва телевизион оид ба масъалаҳои марбут ба идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ бо максади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз офатҳои табиӣ ва паст кардани оқибатҳои он. Қисмати мазкур бояд ба кӯдакон ва кор тавассути системаи маориф нигаронида шавад.

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Муродалӣ Алимардон

«13» «04» соли 2013

Нақшаи кори
Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2013

| р/т | Номгӯи масъалахое, ки дар маҷлис баррасӣ мегарданд | Масъулини иҷро | Мӯҳлати иҷро | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Ба нақшагирии чорабиниҳои пешгирии офатҳои табиӣ дар мавсими баҳори соли 2013 | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Вазорату идораҳо | Марти соли 2013 | |
| 2 | Баррасии масъалаи иҷрои афзалиятҳои Стратегияи миллӣ ва таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Март – Ноябри соли 2013 | |
| 3 | Баррасии лоиҳаи «Дастур оид ба барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавкулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷояги бо БР СММ | Дар давоми сол | |
| 4 | Баррасӣ ва тасдиқ намудани «Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои аъзои Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» | Котиботи Платформаи миллӣ | Марти соли 2013 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 5 | Баррасӣ ва тасдиқ намудани нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2013 | Котиботи Платформаи миллӣ | Марти соли 2013 | |
| 6 | Маълумот дар бораи Барномаи амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 ва масъалаи таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Март - Ноябри соли 2013 | |
| 7 | Омодагӣ ва иштирок дар Форуми глобалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ | Майи соли 2013 | |
| 8 | Ташкил намудани омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар масъалаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид | Сентябр - Ноябри соли 2013 | |
| 9 | Баррасии лоиҳаи Низомномаи Системаи ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавкулодда | Котиботи Платформаи миллӣ | Сентябр - Ноябри соли 2013 | |
| 10 | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ | Дар давоми сол | |